# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ҚАРОР

Дар бораи Регламенти техникии бехатарии орди ғанигардонидашуда

Мутобиқи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ" ва моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хӯроквории ғанигардонидашуда" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Регламенти техникии бехатарии орди ғанигардонидашуда тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати амалигардонии регламенти техникии мазкур чораҳои зарурӣ андешад.

3. Қарори мазкур пас аз шаш моҳи интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 29 сентябри соли 2020 № 528

ш. Душанбе

Замима

ба қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 29 сентябри соли 2020, № 528

# Регламенти техникии бехатарии орди ғанигардонидашуда

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Регламенти техникии бехатарии орди ғанигардонидашуда (минбаъд - Регламенти техникӣ) бо мақсади муқаррар намудани талаботи техникӣ ба бехатарии орди ғанигардонидашуда, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муомилот бароварда мешавад, таъмини ҳифзи саломатӣ ва ҳаёти инсон ҳангоми истеъмоли орди ғанигардонида, инчунин пешгирӣ намудани амалҳои

аз ҷониби истеҳсолкунандагон ва паҳнкунандагон барои гумроҳ намудани истеъмолкунандагон таҳия шудааст.

2. Иҷрои Регламенти техникии мазкур дар раванди истеҳсол, нигоҳдорӣ, интиқол, фурӯш, коркард ва нобудсозии орди гандумии ғанигардонидашудаи навъҳои якум ва олӣ ва истеҳсоли нон ва маҳсулотҳои нонӣ амалӣ карда мешавад.

3. Дар Регламенти техникии мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- таҳлили хавфҳо - ҷараёни ҷамъоварӣ ва баҳодиҳии иттилоот дар бораи хавфҳо ва шароите, ки боиси ба миён омадани онҳо мегардад, барои қабул кардани қарор дар мавриди он, ки кадоме аз ин хавфҳо метавонад ба бехатарии орди ғанигардонидашуда таъсир расонад ва инъикос намудани онҳо дар нақшаи низоми менеҷменти бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ;

- омехтаҳои зарарнок - омехтаҳои аз растанӣ пайдошуда, ки барои саломатии инсон ва ҳайвонот хатарнок мебошанд;

- намнокӣ - миқдори намӣ бо фоиз нисбати вазни умумии орди ғанигардонидашуда;

- зараррасонҳо - зараррасонҳои анборӣ, ҳайвоноте, ки ҳангоми нигоҳдорӣ ва интиқол ғалла ва маҳсулоти ғалларо нуқсондор ва нобуд мекунанд;

- сироятёбӣ бо зараррасонҳо - мавҷудияти ҳашароти зараррасон дар орди ғанигардонидашуда - ҳашарот ё канаҳо;

- олудагӣ бо зараррасонҳо - мавҷудияти ҳашароти зараррасон, қисматҳо ва маҳсулоти партови онҳо дар орди ғанигардонидашуда;

- олудагӣ бо ҳашарот - мавҷудияти ҳашароти зараррасон, пораҳо ва маҳсулоти партови онҳо дар орди ғанигардонидашуда;

- истеҳсолкунанда ва фурӯшанда - шахси воқеӣ ё шахси ҳуқуқие, ки аз номи худ истеҳсол ва фурӯши орди ғанигардонидашударо амалӣ намуда, барои мутобиқати он ба талаботи бехатарии Регламенти техникии мазкур масъул мебошад;

- "бемории картошкагӣ"-и нон -бемориест, ки онро бактерияҳои спории аэробӣ ба вуҷуд овардаанд ва бо мавҷудияти бӯи махсуси нохуш ва (ё) риштаҳои луобпарда дар мағзи нон тавсиф мешавад;

- таҳлили миқдорӣ - маҷмӯи санҷишҳои техникии орди ғанигардонидашуда бо мақсади муайян намудани арзиши миқдории нишондиҳандаҳои бехатарии он аз ҷониби ташхисгоҳи (маркази) аккредитатсияшуда, новобаста аз шакли моликият;

- нуқтаи назорати ниҳоӣ - марҳилаи истеҳсолие, ки дар он назорати таъминкунандаи пешгирӣ ё истисноии таҳдид ба бехатарии орди ғанигардонидашуда, ё то сатҳи қобили қабул коҳиш додани он татбиқ мегардад;

- омехтаи металломагнитӣ - омехташавие, ки хусусияти ба магнит ҷалбшавиро дорад;

- орд - маҳсулоти ниҳоят парокандаи ҳиссачаҳояш ба андозаи аз 0,14 мм, ки бо роҳи кӯфтани гандум ба даст оварда шуда, барои истеҳсоли нон, маҳсулоти нонӣ, макаронӣ ва хамирӣ пешбинӣ гардидааст;

- меъёри витамину минералҳо ё иловаҳои минералӣ - миқдори муқарраршудаи омехтаи бисёрқисмати витаминҳо ва микроэлементҳое, ки ба орд бо мақсади ғанигардонидани он илова карда мешавад;

- безараргардонӣ - нобудсозии зараррасонҳо, барангезандаҳои бемориҳо, ҳашарот ва хояндаҳо бо истифода аз воситаҳои физикӣ, кимиёвӣ ва биологӣ;

- истеъмолкунандаи орди ғанигардонидашуда - шахси воқеие, ки танҳо барои истифодабарии шахсӣ маҳсулотро харидорӣ намуда, истифода мебарад (эҳтиёҷоти маишие, кибо гирифтани фоида алоқаманд нест) ё ташкилот/шахсе, ки маҳсулотро бо мақсади фурӯш ё тақсимоти минбаъда мегирад;

- паҳнкунандагони орди ғанигардонидашуда - шахсони воқеӣ, инчунин шахсони ҳуқуқӣ, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва шакли моликият, ки воридот ва фурӯши орди ғанигардонидашударо амалӣ менамоянд;

- низоми менеҷменти бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ - низоме, ки хавфҳои ба бехатарии орди ғанигардонидашуда таъсиркунандаро муайян мекунад, баҳо медиҳад ва назорат мебарад;

- шароити нигоҳдорӣ - параметрҳои муносиби муҳити зист (ҳарорат, намии ҳавои атроф, реҷаи рӯшноӣ ва ғайра) ва қоидаҳои гардиш (чораҳо оид ба пешгирии вайроншавӣ аз зараррасонҳо, ҳашарот, хояндаҳо; чораҳои нигоҳ доштани бутунии борҷома ва ғайра), ки барои таъмини хусусиятҳои органолептикӣ, физикию кимиёвӣ ва дигар нишондиҳандаҳои бехатарие, ки хоси маҳсулоти хӯрокворӣ мебошанд;

- нобудсозии орд - истифодаи орде, ки ба талаботи Регламенти техникии мазкур ҷавобгӯ нест, ба мақсадҳои фарқкунандае, ки маҳсулот барои онҳо пешбинӣ шудааст ва одатан истифода мешавад ё нобуд кардани маҳсулоти барои истифода аз рӯи таъинот корношоям.

## 2. ҲАММОНАНДКУНИИ ОРДИ ҒАНИГАРДОНИДАШУДА

4. Ҳаммонандкунии орди ғанигардонидашуда барои мақсадҳои зерин гузаронида мешавад:

- таъмини ҳуқуқи истеъмолкунандагон барои интихоби асосноки маҳсулот бо дар назар доштани маълумоти боэътимод дар бораи он;

- ҳимояи истеъмолкунанда аз истеҳсолкунандаи (фурӯшандаи) беинсоф;

- муқаррар кардани мутобиқати орди ғанигардонидашуда, аз ҷумла номи он ба талаботи Регламенти техникии мазкур;

- баҳодиҳӣ ба мутобиқати орди ғанигардонидашуда ба маълумоти аз ҷониби истеҳсолкунанда (фурӯшанда) эълоншуда.

5. Ҳаммонандкунии орди ғанигардонидашуда аз ҷониби аризадиҳанда дар ҳолатҳои зерин гузаронида мешавад:

- муайян кардани мансубияти орд ба объектҳои танзими техникӣ. Ҳаммонандкунӣ бо роҳи муқоисаи визуалии маълумот дар бораи борҷомаи истеъмолӣ ё маълумоти дар ҳуҷҷатҳои ҳамроҳишаванда зикргардида бо дар назар доштани аломатҳои дар Регламенти техникии мазкур ва стандартҳои дахлдор ифодаёфта амалӣ карда мешавад;

- нокифоя ё носаҳеҳ будани маълумот барои ҳаммонандкунии маҳсулот. Айнияткунонии маҳсулот дар асоси нишондиҳандаҳои органолептикӣ ва физикию кимиёвӣ, ки дар стандарт ва ҳуҷҷатҳои технологӣ дарҷ гардидаанд, гузаронида мешавад.

### 3.ТАЛАБОТ НИСБАТ БА БЕХАТАРИИ ОРДИ ҒАНИГАРДОНИДАШУДА

6. Нишондиҳандаҳои таркибӣ дар орди ғанигардонидашуда аз рӯи моддаҳои кимиёвӣ, радиоактивӣ, фаъоли биологӣ ва пайвастагиҳои онҳо, микроорганизмҳо ва дигар организмҳои биологӣ, ки ба ҳаёт ё саломатии наслҳои ҳозира ва оянда таҳдид мекунанд, набояд аз сатҳи меъёрҳои қабулгардида зиёд бошанд.

7. Талаботи бехатарӣ нисбати орди ғанигардонидашуда дар асоси нишондиҳандаҳои бехатарии орди ғанигардонидашуда муқаррар карда мешавад (замимаи 1).

8. Нишондиҳандаҳои бехатарии орди ғанигардонидашуда аз рӯи бӯй ва мазза, мавҷудияти омехтаҳои минералӣ, таркиби омехтаҳои металломагнитӣ, намӣ, сироятёбӣ, ифлосшавӣ ва "бемории картошкагӣ" дар асоси талаботи Регламенти техникии мазкур муқаррар карда мешавад (замимаи 2).

9. Ғанигардонӣ набояд хусусиятҳои истеъмолии маҳсулотро бадтар кунад, миқдор ва ҳазмшавии дигар моддаҳои хӯрокаи дар таркибаш мавҷудбударо коҳиш диҳад ва (ё) ба бехатарии онҳо таъсир расонад.

10. Орди ғанигардонидашуда набояд бӯй, маззаи бегона ва ҳамроҳро дошта бошад.

11. Иловаҳои витамину минералӣ ё минералӣ, ки барои ғанигардонии орд истифода мешаванд, бояд ба талаботи стандартҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ бошанд. Миқдори витамин ва иловаҳои минералӣ дар орди бо микронутриентҳо ғанигардонидашуда аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ тасдиқ карда мешавад.

12. Миқдори микронутриентҳои ба маҳсулот воридшаванда бояд дар маҳсулоти ғанигардонидашуда дар давоми муҳлати нигоҳдории он нигоҳ дошта шавад.

13. Тамғазанӣ сабти ҳатмии калимаи "ғанигардонидашуда", ки бо ҳуруфи калон ҷудо карда мешавад, ҳамзамон сабти логотипи "Ғанигардонидашуда"-ро бо нишон додани номгӯи микронутриентҳои воридшуда, тавсияҳо ва навиштаҷоти огоҳкунанда оид ба истифодаи он барои гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ дар бар мегирад.

14. Талаботи стандартҳо оид ба гирифтани намуна, қоида ва усулҳои озмоиш ва ченкунии орди ғанигардонидашуда, инчунин равандҳои истеҳсол, нигоҳдорӣ, интиқол, фурӯш, нобудсозии орди ғанигардонидашуда мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ гардида, набояд ба талаботи Регламенти техникии мазкур мухолифат намояд.

#### 4. ТАЛАБОТ НИСБАТ БА ҶАРАЁНИ ИСТЕҲСОЛ, НИГОҲДОРӢ, ҲАМЛУ НАҚЛ, ФУРӮШ ВА НОБУДСОЗИИ ОРДИ ҒАНИГАРДОНИДАШУДА

15. Истеҳсолкунандаи орди ғанигардонидашуда бехатарии зидди сӯхтор, санитарию эпидемиологӣ ва экологии истифодабарии биною иншооти истеҳсолӣ, таҷҳизот ва ҳудудҳоро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботи Регламенти техникии мазкур таъмин менамояд.

16. Равандҳои истеҳсоли орди ғанигардонидашуда бояд бартарафсозӣ ё то сатҳи бехатар расонидани хавфҳои зеринро таъмин намоянд:

- олудагии маҳсулот бо микотоксинҳо;

- сироятёбӣ бо зараррасонҳо;

- олудашавӣ бо ҳашароти зараррасони фавтида ё олудаҳои бегона;

- аз меъёр зиёд будани миқдори омехтаҳои минералӣ;

- аз меъёр зиёд будани миқдори олудаҳои металломагнитӣ;

- аз меъёр зиёд будани омехтаҳои зарарнок;

- аз меъёр зиёд будани намнокӣ;

- инкишофи "бемории картошкагӣ"-и нон.

17. Хавфҳои дар банди 16 Регламенти техникии мазкур зикргардида бояд тавассути равандҳои технологӣ ва (ё) усулҳои ҳангоми лоиҳакашӣ, сохтмон пешбинишуда ва ҳангоми истифодаи корхонаҳои ордбарорӣ бартараф ё то сатҳи бехатар расонида шаванд.

18. Ҳангоми ошкоркунии ҳашароти зинда дар орди ғанигардонидашуда, бояд бехтани орди ғанигардонидашуда дар сепаратор ва мошинҳои ғаллатозакунӣ, инчунин аэратсияи он гузаронида шавад.

19. Омехтаи металлу магнитӣ бояд аз орди ғанигардонидашуда бо сепараторҳои магнитӣ ва сутунҳои магнитӣ, ки пеш аз бастабандии орд насб карда мешаванд, ҷудо карда шавад.

20. Пешгирии ифлосшавии орди ғанигардонидашуда бо бактерияҳои спорадор, ки боиси "бемории картошкагӣ"-и нон мегарданд, бояд аз ҳисоби таъмин кардани реҷаи мусоиди ҳарорату намӣ ва риояи ҷадвали шустани таҷҳизот ба амал бароварда шавад.

21. Бехатарии орди ғанигардонидашуда ҳангоми истеҳсол, нигоҳдорӣ, интиқол, фурӯш ва нобудсозии он ба талаботи зерин асос меёбад:

- муайян намудани марҳилаҳои назоратшавандаи равандҳои истеҳсолӣ (нуқтаҳои буҳронии назоратӣ) ҳангоми таҳияи технологияҳо ва дастурҳои истеҳсоли орди ғанигардонидашуда дар асоси таҳлили хавф бо мақсади ошкор кардани вайронкунии технология, ки ба бехатарии орди ғанигардонидашуда таъсири манфӣ расонида метавонад;

- назорати бехатарии орди ғанигардонидашуда тавассути восита ва чорабиниҳое, ки эътимоднокӣ ва пуррагии назоратро таъмин мекунанд;

- назорати ашёи хом, воситаҳои технологӣ ва маводи ёрирасон, инчунин назорат аз болои орди ғанигардонидашуда дар марҳилаҳои ҷараёни технологӣ ва маҳсулоти тайёр;

- назорати кори таҷҳизоти технологӣ;

- пешбурд ва нигоҳдории ҳуҷҷатҳо дар ҳомилҳои коғазӣ ва электронӣ;

- интихоби ҷадвал ва намудҳои тозакунӣ, шустан, дезинфексия, безараргардонии биноҳои истеҳсолӣ;

- риояи қоидаҳои гигиенаи шахсӣ аз ҷониби кормандон дар ҳар марҳила ва қисматҳои раванд;

- муайян кардани масъулият ва ваколатҳои кормандоне, ки дар истеҳсол ва идоракунии он иштирок мекунанд.

22. Амалисозии талабот тавассути интихоби низоми идоракунӣ ва таъмини бехатарии орди ғанигардонидашуда сурат мегирад.

23. Таҷҳизоти технологӣ, инвентар, ки бо ашёи хом, микронутриентҳо ва орди ғанигардонидашуда тамос мегирад, бояд:

- аз маводе истеҳсол шуда бошанд, ки барои истифода бо ин намуди маҳсулот иҷозат дода шудааст;

- тавре насб карда шаванд, ки дастрасии озод ба онҳо барои анҷом додани таъмири онҳо таъмин карда шавад;

- ба осонӣ мавриди тозакунӣ, шустушӯ ва дезинфексия қарор дода шаванд, ки шумораи гузаронидани онҳо барои пешгирии хатари олудашавии орди ғанигардонидашуда бояд кифоя бошад.

24. Шароити нигоҳдории орди ғанигардонидашуда бояд хатарҳои зеринро аз байн барад ё ба таври назаррас коҳиш диҳад:

- сироятёбӣ бо зараррасонҳо;

- олудашавӣ аз ҳашароти зараррасон ё иловаҳои бегона;

- аз меъёр зиёд шудани миқдори намии орди ғанигардонидашуда;

- олудашавӣ бо зараррасонҳо;

- худгармшавӣ.

25. Орди ғанигардонидашуда бояд дар анборҳои махсус барои ин ҷудогардида ва таҷҳизонидашуда дар шакли рехта - дар бункерҳо, дар борҷома коғазпечшуда - дар рафҳо сарҷин нигоҳ дошта шавад. Орди ғанигардонидашудаи дар зарфҳои хурд ҷойгиршуда дар зарфҳои нақлиёт нигоҳ дошта мешавад. Дар байни маҳсулоти сарҷингардида барои назорати орди ғанигардонидшуда ва боркунӣ ба нақлиёти автомобилӣ ва роҳи оҳан масофа нигоҳ дошта шавад.

26. Анбори нигоҳдории орди ғанигардонидашуда бояд хушк, ҳавогузар, тоза, бе бӯйи бегона бошад, аз борон, ворид гардидани ҳашарот ва

паррандагон муҳофизат шуда бошад. Дар анборҳои нигоҳдории орди ғанигардонидашуда бояд мунтазам тозакунии механикӣ, дезинфексия, чорабиниҳои дезинсексионӣ ва дератизатсионӣ гузаронида шаванд. Дар анбор якҷоя ҷойгир кардани орд бо ғалла, партовҳо, сабўс, хўроки омехта ё зарфҳо, инчунин бехтан ва соидани орди ғанигардонидашуда, тоза кардани зарфҳо дар анборҳо, ки дар он орди ғанигардонидашуда нигоҳ дошта мешавад, манъ аст.

27. Муҳлати коршоямии орди ғанигардонидашуда бо дар назар доштани шароити нигоҳдорӣ аз ҷониби истеҳсолкунанда дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ муқаррар карда мешавад.

28. Бехатарии орди ғанигардонидашуда ҳангоми нигоҳдорӣ бояд бо тартиби муқаррарнамудаи истеҳсолкунанда аз рўи нишондодҳои ҳарорати бино, намӣ, бўй, мазза, сироятёбӣ аз ҳашароти зараррасон ва "бемории картошкагӣ"-и нон назорат карда шавад.

29. Орди ғанигардонидашуда дар контейнерҳо тавассути наклиёти автомобилӣ ё роҳи оҳан интиқол дода мешавад. Мошинҳои ордкашонӣ ва контейнерҳо бояд хушк, тоза бошанд, бўй ва зарарасонҳо надошта бошанд, аз воридшавии намӣ ва чанг ба онҳо муҳофизат шуда бошанд.

30. Интиқоли орди ғанигардонидашуда баркашида коғазпечшуда дар зарфи наклиётӣ бо ҳама намудҳои наклиёти боркаш, ки бехатарии борҳои интиқолшавандаро таъмин менамояд, анҷом дода мешавад.

31. Ҳангоми фурўши орди ғанигардонидашуда истеҳсолкунанда бояд онро бо ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи риояи талаботи Регламенти техникии мазкур ҳамроҳӣ кунад. Ҳуҷҷатҳои ҳамроҳикунанда бояд дорои маълумоти зерин бошанд:

- номи маҳсулот;

- маълумот дар бораи ҳуҷҷатҳои дорои меъёрҳое, ки ин маҳсулот ба онҳо мутобиқат менамояд;

- номи истеҳсолкунанда, маҳалли ҷойгиршавии он;

- вазни умумии маҳсулот;

- шароити нигоҳдорӣ, ҳамлу накл ва фурўши маҳсулот.

32. Орди ғанигардонидашудаи зерин аз муомилот бароварда мешавад:

- ба талаботи Регламенти техникии мазкур мутобиқат намекунад;

- ҳуҷҷатҳои истеҳсолкунандаро ба орди ғанигардонидашуда, ки истеҳсоли онро тасдиқ менамояд, надорад;

- муҳлати муқарраргардидаи коршоямиро надорад ё муҳлати коршоямии он гузаштааст;

- тамғазурорӣ бо маълумоти пешбининамудаи қонунгузории амалкунандаро надорад ё нисбати он чунин иттилоот мавҷуд нест.

33. Орди ғанигардонидашудае, ки ба талаботи Регламенти техникӣ ҷавобгӯ нест ва барои истифодабарӣ корношоям мебошад:

- барои мақсадҳои озуқаворӣ - дар сурати мавҷуд будани хулосаи мусбати мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаҳои тандурустӣ, бехатарии озуқаворӣ, оид ба назорати санитарӣ, ветеринарӣ ва фитосанитарӣ ҳамчун хӯроки чорво истифода карда мешавад;

- барои мақсадҳои хӯроки чорво - барои мақсадҳои техникӣ истифода мешавад;

- барои мақсадҳои озуқаворӣ, хӯроки чорво ва техникӣ - бояд тибқи талаботи қонунгузорӣ нобуд карда шавад.

##### 5. ТАЛАБОТ НИСБАТИ БОРҶОМА ВА ТАМҒАГУЗОРИИ ОРДИ ҒАНИГАРДОНИДАШУДА

34. Борҷомаи орди ғанигардонидашуда бояд бехатарии таркиби витамину минералҳо ва иловаҳои минералиро дар он ба миқдори пешбининамудаи Регламенти техникии мазкур таъмин намояд ва аз маводе омода карда шавад, ки мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ муқаррар намудааст.

35. Тамға бояд ба ҳар воҳиди зарфи истеъмолӣ гузошта шуда, дорои маълумоти ҳатмии зерин бо забони давлатӣ ва русӣ бошад:

- номи маҳсулот;

- навъ;

- ном, маҳалли ҷойгиршавии истеҳсолкунанда (суроғаи ҳуқуқӣ, кишвари истеҳсолкунанда);

- тамғаи молии истеҳсолкунанда (агар бошад);

- вазни холис;

- арзиши ғизоӣ;

- санаи истеҳсол ва рақами ивазкунии борпечӣ;

- шароити нигоҳдорӣ;

- муҳлати коршоямӣ;

- нишон додани ҳуҷҷатҳо (стандарт, Регламенти техникӣ), ки мутобиқи он орди ғанигардонидашуда истеҳсол ва ҳаммонанд карда мешавад;

- калимаи "ғанигардонидашуда" мутобиқи банди 14 Регламенти техникии мазкур;

- тамғаи умумии қабулшуда бо нишон додани иловаҳои воридшуда.

36. Маълумоти дар банди 35 Регламенти техникии мазкур пешбинишуда дар тамғаи ба халтаҳо насбшуда сабт карда мешавад.

##### 6. АРЗЁБИИ МУТОБИҚАТИ ОРДИ ҒАНИГАРДОНИДАШУДА

37. Орди ғанигардонидашудае, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол ва ба ҳудуди он ворид карда шудааст, танҳо дар ҳолате дар бозори дохилӣ ҷойгир карда мешавад, ки агар он ба талаботи муқаррарнамудаи Регламенти техникии мазкур мутобиқ бошад.

38. Арзёбии мувофиқати орди ғанигардонидашуда дар шаклҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- назорати истеҳсолӣ;

- эъломиякунонии мутобиқат;

- назорати давлатӣ.

39. Шахсони воқеӣ ё ҳуқуқие, ки истеҳсоли орди ғанигардонидашударо анҷом медиҳанд, назорати истеҳсолии риояи талаботи Регламенти техникии мазкурро дар ҳар марҳилаи раванди истеҳсолию технологӣ дар асоси низоми таҳлили хавфҳои хатарнок ва нуқтаҳои буҳронии назоратӣ ё низоми менеҷменти бехатарии маҳсулоти хӯрокворие, ки бояд бо тартиби мукаррааршуда тасдиқ карда шаванд, ташкил менамоянд.

40. Назорати истеҳсолӣ бо тартиби муқарраргардида тибқи барномаи тасдиқнамудаи роҳбари ташкилот, соҳибкори инфиродӣ ё шахси ваколатдор амалӣ карда мешавад.

41. Барномаи назорати истеҳсолӣ бояд инҳоро дар бар гирад:

- параметрҳои назоратшавандаи равандҳои технологӣ;

- даврияти назорати лабораторӣи истеҳсолии орди ғанигардонидашуда аз рӯи нишондиҳандаҳои бехатарӣ;

- даврияти назорати озмоишии лабораторӣи микронутриентҳо;

- ҷадвал ва реҷаҳои шустушӯй, тозакунӣ ва безараргардонӣ (дезинфексия ва дезинсексия);

- ҷадвал ва реҷаҳои хизматрасонии таҷҳизот ва асбобҳои корӣ;

- роҳҳои баргардонидан, тозакунӣ ва коркарди орди ғанигардонидашуда;

- чорабиниҳо оид ба таъмини муоинаи санитарию гигиенӣ ва тиббии кормандон;

- нуқтаҳои назоратшавандаи ифлосшавии эҳтимолӣ (нуқтаҳои буҳронии назоратӣ);

- расмиёти бозхонди (аз муомилот гирифтани) орди ғанигардонидашуда, ки ба талаботи Регламенти техникӣ мутобиқ нест;

- номгӯи реҷаҳо, барномаҳо ва омилҳои дигаре, ки ба бехатарии маҳсулот таъсир мерасонанд.

42. Ҳангоми назорати истеҳсолӣ бояд чорабиниҳои зерин гузаронида мешаванд:

- бақайдгирии иттилоот дар бораи истифодаи микронутриентҳо;

- назорати миқдор ва суръати ҷараёни истеҳсоли орд;

- таҳлили орди ғанигардонидашуда оид ба мавҷудияти оҳан.

43. Тағйирот ба барномаи назорати истеҳсолӣ дар ҳолатҳои тағйирёбии ташкилӣ, муҳандисӣ ё техникии шароити истеҳсолии равандҳои технологӣ ё тағйирёбии шартҳои фурӯши орди ғанигардонидашуда ворид карда мешавад.

44. Назорати истеҳсолӣ бояд якҷо бо озмоиши лабораторӣи орди ғанигардонидашуда гузаронида шавад. Ташхиси орди ғанигардонидашудае, ки мутобиқи талаботи муқаррарнамудаи Регламенти техникӣ дуруст ҳаммонанд карда шудааст, дар лабораторияи (маркази) озмоишии аккредитатсияшуда, новобаста аз шакли моликият, гузаронида мешавад. Аз рӯи натиҷаҳои озмоиш лабораторияи (маркази) озмоишии аккредитатсияшуда протоколи озмоиши шакли муқарраргардидаро пешниҳод мекунад.

45. Эъломиякунонии мутобиқати орди ғанигардонидашуда бо роҳи қабули дархости аризадиҳанда дар бораи мутобиқати орди ғанигардонидашуда ба амал бароварда мешавад.

46. Аризадиҳанда эъломияи мутобиқатро дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи мутобиқати орди ғанигардонидашуда ба талаботи муқарраргардидаи ҳатмӣ қабул мекунад.

47. Аризадиҳанда ҳуқуқ дорад эъломиякунонии мутобиқатро дар асоси яке аз нақшаҳои зерин анҷом диҳад:

- нақшаи Д 1 - ҳангоми қабули эъломияи мутобиқати орди ғанигардонидашуда дар асоси далелҳои шахсӣ истифода мешавад. Дар ин ҳолат аризадиҳандае, ки эъломияро қабул мекунад, барои тасдиқи мутобиқати орди ғанигардонидашуда ба талаботи Регламенти техникии мазкур заминаи далелҳоро мустақилона ташкил мекунад;

- нақшаи Д 2 - бо ҳамон шартҳое истифода мешавад, ки дар Нақшаи Д 1 пешбинӣ шудааст, вале илова ба далелҳои шахсӣ аризадиҳанда ба маҷмӯи ҳуҷҷатҳои техникӣ протоколи озмоиши маҳсулоти эъломияшавандаро, ки тарафи сеюм дар лабораторияҳои озмоишии аккредитатсияшуда гузаронидааст, ворид менамояд;

- нақшаи Д 2а - бо ҳамон шартҳое истифода мешавад, ки дар Нақшаи Д 1 пешбинӣ шудааст, вале илова ба далелҳои шахсӣ аризадиҳанда сертификат барои низоми менеҷменти бехатарии маҳсулоти хӯроквории орди ғанигардонидашудаи истеҳсолнамудааш, маводи борпечӣ ва маснуоти дигарро пешниҳод менамояд.

48. Сертификати низоми менеҷменти бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ метавонад ҳамчун манбаи далелҳо нисбат ба ҳар нақшаи эъломиякунонии орди ғанигардонидашуда истифода шавад.

49. Заминаи далелҳо бояд натиҷаҳои озмоиши тасдиқкунандаи иҷрои талаботи Регламенти техникии мазкурро дар бар гирад. Чунин тадқиқот (озмоиш) метавонад дар лабораторияи (маркази) озмоишии аккредитатсияшуда, новобаста аз шакли моликият, гузаронида шавад. Ба сифати заминаи далелҳо инчунин метавонанд инҳо истифода шаванд:

- ҳуҷҷатҳои техникӣ;

- натиҷаҳои озмоиш ва ченкунии худӣ;

- сертификатҳои мутобиқат ё протоколҳои озмоиши ашёи хом, мавод, маснуоти такмилӣ;

- ҳуҷҷатҳои барои орди ғанигардонидашуда пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва аз ҷониби мақомот ва ташкилотҳои барои ин ваколатдор (хулосаи санитарию эпидемиологӣ, сертификати гигиенӣ, хулосаи бехатарии зидди сӯхтор ва ғайра) додашуда;

- ҳуҷҷатҳои дигаре, ки барои изҳор намудан дар бораи мутобиқати орди ғанигардонидаи эъломияшаванда ба талаботи Регламенти техникии мазкур асос мебошанд.

50. Эъломияи мутобиқат ба муҳлати муқарраркардаи аризадиҳанда дар асоси давраи банақшагирифтаи истеҳсоли орди ғанигардонидашуда ё муҳлати фурӯши миқдори муайяни орди ғанигардонидашуда қабул карда мешавад.

51. Ҳангоми истеҳсоли орди ғанигардонидашуда эъломияи мутобиқат ба муҳлати на зиёда аз 3 сол қабул карда мешавад. Ҳангоми фурӯши миқдори муайяни орди ғанигардонидашуда эъломияи мутобиқат ба муҳлати на зиёдтар аз муҳлати коршоями миқдори дар эъломия нишондодашуда қабул карда мешавад.

52. Эъломияи мутобиқат нисбати орди ғанигардонидашудаи мушаххас ё гурӯҳи орди ғанигардонидашудаи якхела, ки аз ҷониби як истеҳсолкунанда бароварда шуда, мутобиқи талаботи бехатарии Регламенти техникии мазкур эъломиякунонӣ мегардад, қабул карда мешавад. Ҳамзамон ба эъломияи мутобиқат барои гурӯҳи орди ғанигардонидашуда замима ба расмият дароварда мешавад, ки дорои номгӯи маҳсулоте, ки амали он паҳн мегардад ва (ё) маълумоти иловагие мебошад, ки ба эъломияи мутобиқат дохил карда нашудаанд.

53. Эъломияи қабулшуда дар бораи мутобиқати орди ғанигардонидашуда ба талаботи Регламенти техникии мазкур бояд мувофиқи тартиби муқарраргардида дар давоми се рӯз аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба бехатарии санитарӣ, байторӣ ва фитосанитарӣ ба қайд гирифта шавад.

54. Назорати давлатии риояи муқаррароти Регламенти техникии мазкур дар марҳилаи истеҳсол ва муомилоти орди ғанигардонидашуда мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Тартиби амалӣ намудани назорати давлатиро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

55. Ҷорӣ намудани низоми менеҷменти бехатарии маҳсулоти хӯроквориро ҳангоми истеҳсоли орди ғанигардонидашуда аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии истеҳсолкунандаи он, ки барои ташкил, ҳуҷҷатгузорӣ, ҷорӣ намудан ва дар ҳолати коршоям нигоҳ доштани низоми самараноки менеҷменти бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ, инчунин назорати истеҳсолӣ дар ҳар марҳилаи раванди истеҳсолию технологӣ дар асоси низоми таҳлили хавфҳои хатарнок ва нуқтаҳои назорати буҳронӣ ё низоми менеҷменти бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ уҳдадор мебошанд, таъмин намоянд. Эъломиякунонии мутобиқати орди ғанигардонидашуда, ки дар Регламенти

техникии мазкур пешбинӣ шудааст, то лаҳзаи ҷорӣ намудани истеҳсолкунанда ва тасдиқи низоми менеҷменти бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ дар корхонаи истеҳсолкунандаи орди ғанигардонидашуда амалӣ карда мешавад.

56. Ҳуҷҷатҳои арзёбии мутобиқат, аломатҳои мутобиқат, протоколҳои озмоишии орди ғанигардонидашуда, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта шудаанд, бояд мутобиқи шартномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ эътибор пайдо карда, Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии онҳо мебошад, эътироф карда шаванд.

### 7. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

57. Ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи мутобиқат, ки то эътибор пайдо кардани Регламенти техникии мазкур гирифта шудаанд, то ба охир расидани мухлати амалашон дорои эътибор дониста мешаванд.

58. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Регламенти техникии мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Замимаи 1
ба Регламенти техникии бехатарии
орди ғанигардонидашуда

## Нишондиҳандаҳои бехатарии орди ғанигардонидашуда

| **Номи майсулот** | **Нишондийандайо** | **Сатҳи иҷозатдодашуда, мг/кг, на бештар аз** | **Эзоӣ** |
|---|---|---|---|
| Орди ғанигардонидашуда | **Унсурҳои заҳрнок:** | | |
| | Сурб | 0,5 | |
| | Арсен | 0,2 | |
| | Кадмий | 0,1 | |
| | Симоб | 0,03 | |
| | **Микротоксинйо:** | | |
| | Афлатоксин В1 | 0,005 | |
| | Дезоксиниваленол | 0,7 | |
| | Токсини Т-2 | 0,1 | |
| | Зеараленон | 0,2 | |
| | **Пеститсидйо:** | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | Гексахлоросиклогексан (алфа, гамма, бета-изомерйо) | 0,2 | |
| | DDT ва метаболитҳои он | 0,02 | |
| | Гексахлоробензол | 0,01 | |
| | Пеститсидҳои симобу органикҷ | Иҷозат дода намешавад | |
| | Д кислотаҳо, намакҳои он, эфирҳо | Иҷозат дода намешавад | |
| | **Радионуклидҳо (Бк/кг):** | | |
| | Сезий-137 | 60 | |
| | Стронсий-90 | 30 | |
| | Сироятёбии орди ғанигардонидашудаи гандум бо барангезан-даи «бемории картош-кагҷ»-и нон | Барои нони бо қолиб ва танӯрҷ пухташуда иғозат дода намешавад | Баъди 24 соат пас аз пухтани лабораторҷ |
| | Ифлосшавии захирайои нон бо зараррасонйо | | |

Замимаи 2
ба Регламенти техникии бехатарии
орди ғанигардонидашуда

**Нишондиҳандаҳои бехатарии орди ғанигардонидашуда**

| № т/т | Номгӯи нишондийандайо | Талабот нисбати нишондийандайо |
|---|---|---|
| 1. | Бӯй | Мағор не, зай не |
| 2. | Мазза | Турш не, талх не |
| 3. | Мавғуд будани омехтаи минералҷ | Ҳангоми хоидан, набояд қирс-қирс ҳис карда шавад |
| 4. | Омехтаи металломагнитӣ, мг ба 1 кг орди ғанигардонишуда, андозаи зарраҳои алойида дар андозаи калонтарини хатти 0,3 мм ва (ё) вазни на бештар аз 0,4 мг, на бештар аз; | 3,0 |

| | | |
|---|---|---|
| 5. | Намӣ, бо %, на зиёдтар: орди ғанигардида аз гандум дурушт ва гандуми нарм баландсоишдода барои макарон | 15,0 |